ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунии Дастурамал "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи Дастурамал "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 27.01.2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оиди ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 07.11.2019. ҷойгир карда шудааст |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст.<br>Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |

| | |
|---|---|
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Қайд карда мешавад, ки гарчанде қонунгузории соҳаи бонкии кишвар дар худ меъёрҳои ҳуқуқиро вобасат ба танзими муносибатҳои байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкиро дарбар гирад ҳам, вале санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавҷуд нест. Дар ҳолати қабул нагардидани Дастурамали мазкур ин холигии қонунгузорӣ метавонад боиси фалаҷшавии шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, пастравии сатҳи миёнаравии молиявӣ ва боварии аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ гардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварӣ аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуда, ҳамзамон дар он талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкиро ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро муқаррар намуда аст. |

| | |
|---|---|
| Тавсифи чораҳо, ки дар лоиҳаи пешниҳодшудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ карда мешаванд | Дастурамал "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ" ифшои маълумот дар се давраи хизматрасонӣ: пеш аз бастани шартнома, ҳангоми бастани шартнома ва дар мурури амали шартномаро бо истеъмолкунандаи хизматрасониҳои низоми бонкӣ муайян намуда, чунин талаботҳои мушаххасро дарбар гирифтааст:<br>- талаботҳои умумӣ ҳангоми ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ;<br>- талабот оиди ифшои маълумот ба истеъмолкунанда то бастани шартнома;<br>- талабот оиди маълумоти ҳадди ақалл дар шартномаҳои хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзии молиявӣ;<br>- талабот оиди маълумоти ҳадди аққал дар муддати эътибори шартнома ифшошаванда;<br>- ҷораҳо оиди тадбирҳои назорати талабот оид ба ифшои маълумот;<br>- ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботҳои мазкур. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки таҳиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ), | Қаблан баҳри танзими муносибатҳои байни истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас қабул карда нашудааст.<br>Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи |

| | |
|---|---|
| | ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" тағйироту иловаҳои дахлдор, ки заминаи ҳуқуқӣ барои қабули санади меъёрии ҳуқуқии мазкур шуда метавонанд, даровarda шудаанд. |
| Арзёбии мухтасари хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Дар сурати қабул гардидани Дастурамали мазкур шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ фароҳам оварда шуда, сатҳи миёнаравии молиявӣ баланд бардошта мешавад ва таҳкими боварии аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ меафзояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 15.02.2020 |

Раиси
Бонки миллии Тоҷикистон　　　　　　　　　　Ҷ. Нурмаҳмадзода

24/12/2019с.